САҲА Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо

# PROTECT

## ДАСТУРАМАЛИ ТЕХНИКӢ
## ДАР БОРАИ ТАЪМИНИ ТАДБИРҲОИ АМНИЯТӢ БАРОИ ҲИФЗИ ИНФРАСОХТОРИ ҲАЁТАН МУҲИМ АЗ ҲАМЛАҲОИ ТЕРРОРИСТӢ

Нашри соли 2025

Инфрасохтори ҳаётан муҳим хидматрасониҳои ниҳоят заруриро фароҳам меорад, ки барои зиндагии ҳаррӯза дар саросари минтақаи Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) аҳамияти асосӣ доранд – аз таъмини оби ошомиданӣ, нерӯ ва барқ то хадамоти нақлиёт ва бонкӣ. Бо дарназардошти нақши калидии онҳо дар ҷомеа, иншооти инфрасохтори ҳаётан муҳим аз назари таърих мавриди ҳадафи ҳамлаҳо қарор гирифтаанд ва ҳамоно мавриди ҳадафи ҳамлаҳои созмонҳои ифротгарои зӯровар ва террористӣ боқӣ мемонанд. Кишварҳои ширкаткунандаи САҲА ин воқеиятро эътироф намуда, дар «Чаҳорчӯби консептуалии муттаҳидшудаи САҲА барои мубориза бо терроризм», ки соли 2012 қабул гардид, аз Созмон даъват карданд, ки фаъолияти худро ҷиҳати таҳкими ҳамкорӣ ва эҷоди тавонмандӣ барои «таъмини амнияти бештари нақлиёти байналмилалӣ ва дигар инфрасохтори ҳаётан муҳим[1]» идома диҳад.

Маҳз бо ҳадафи мубориза бо ин таҳдиди доимӣ ва ҳамзамон тағйирёбанда, дар доираи лоиҳаи САҲА барои ҳифзи иншооти осебпазир аз ҳамлаҳои террористӣ (лоиҳаи PROTECT), *дастурамали техникии мазкур дар бораи таъмини тадбирҳои амниятӣ барои ҳифзи инфрасохтори ҳаётан муҳим аз ҳамлаҳои террористӣ* таҳия шудааст. Ин дастурамал таҷриба ва донишро аз саросари минтақаи САҲА ва фаротар аз он муттаҳид месозад.

**Дастурамали техникии мазкур ба ҳадафи дастгирии кишварҳои ширкаткунандаи САҲА ва соҳибон ё операторони инфрасохтори ҳаётан муҳим дар муқовимат бо таҳдиди тағйирёбандаи терроризм ва таҳкими амнияти иншооти инфрасохтори ҳаётан муҳим таҳия шудааст. Он тавсияҳои сохторбандишударо вобаста ба амалияҳо, принсипҳо ва омилҳое дар бар мегирад, ки метавонанд ба таҳкими амнияти чунин иншоот бо ҳадафи пешгирии ҳамлаҳои террористӣ, омодагии беҳтар ба онҳо ва коҳиш додани паёмадҳои эҳтимолӣ мусоидат намоянд.**

### АЗ КУҶО МЕТАВОН ДАСТУРАМАЛИ МАЗКУРРО ДАСТРАС КАРД?

Барои дастрасӣ ба дастурамал бо забонҳои англисӣ ва русӣ, лутфан ба истиноди www.osce.org/project/PROTECT гузаред ё рамзи QR-ро бо телефони худ скан кунед. Нусхаҳои чопии дастурамал ба шахсони манфиатдор тибқи дархост пешниҳод карда мешаванд.

1 Қарори № 1063-и Шӯрои доимии САҲА «Чаҳорчӯби консептуалии муттаҳидшудаи САҲА барои мубориза бо терроризм».

## ЧАРО ИН ДАСТУРАМАЛ ЗАРУР АСТ?

Ба истиснои бахшҳои дорои инфрасохтори ҳаётан муҳими ба таври қатъӣ танзимшаванда, дар бештари кишварҳои ширкаткунандаи САҲА дастурамалҳои муфассал дар бораи тадбирҳои амниятӣ, ки бояд дар сатҳи иншоот амалӣ гарданд, мавҷуд нестанд. Аксаран маҷмӯи мураккаби амалияҳо, принсипҳо ва ҳуҷҷатҳои роҳнамокунандаи ғайриҳатмӣ мавҷуд аст, ки ҳукуматҳо, соҳибон ё операторони инфрасохтори ҳаётан муҳим ва шахсони масъули таъмини амнияти чунин иншоот (аз ҷумла ширкатҳои хусусии посбонӣ) бояд онҳоро бодиққат мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор диҳанд, то амнияти самарабахшро барои иншоот ва сохторҳое, ки дар доираи масъулияти онҳо қарор доранд, таъмин намоянд.

Ба ҷои таҳмили як равиши ягона дар самти амният, дастурамали мазкур маҷмӯаи амалияҳои дастрасро пешниҳод мекунад, ки равишҳои гуногуни мавҷудбударо инъикос менамоянд. Аксари амалияҳое, ки дар ин дастурамал зикр шудаанд, аз таҷрибаи кишварҳои ширкаткунандаи САҲА гирифта шудаанд, ки далели таҷрибаи фарогири онҳо дар ин самт мебошад.

## БАРОИ КИ ИН ДАСТУРАМАЛИ ПЕШБИНӢ ШУДААСТ?

Таъмини амнияти самарабахш дар иншооти инфрасохтори ҳаётан муҳим ниёз ба дастгирӣ ва садоқати доираи васеи ҷонибҳои манфиатдор дорад:

- **Раҳбарони мақомоти давлатӣ ва соҳибон ё операторони иншооти инфрасохтори ҳаётан муҳим:** Агарчанде онҳо ба таври мустақим иҷрои тадбирҳои амниятиро дар сатҳи чунин иншоот ба зимма надоранд, маҳз онҳо заминаи ҳуқуқӣ ва стратегиро фароҳам меоранд, ки амнияти босамар бар он асос ёбад. Андешаҳои махсусан муҳим дар Боби 2 («Асосҳои стратегӣ ва ҳуқуқии ҳифзи инфрасохтори ҳаётан муҳим»), Боби 3 («Дидгоҳҳо дар соҳаи ҳуқуқи инсон») ва Боби 4 («Шарикӣ миёни бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ») пешниҳод шудаанд.
- **Мутахассисони техникӣ бо масъулияти таъмини амният:** Дар бобҳои 1 то 3, дастурамал заминаи муҳими стратегиро барои амалиётҳои вобаста ба таъмини амният пешниҳод мекунад. Бобҳои 5 то 10 тавсифи муфассали стратегияҳои амалӣ, омӯзиши ҳолатҳои воқеӣ ва амалияҳоро дар бар мегиранд, ки ҳадафи онҳо баланд бардоштани сатҳи амниятӣ дар иншооти гуногуни инфрасохтори ҳаётан муҳим мебошад.

## МУҲТАВОИ РОҲНАМОИ МАЗКУР




1 Сарсухан
2 Асосҳои стратегӣ ва ҳуқуқии ҳимояи иншооти инфрасохтори ҳаётан муҳим
3 Дидгоҳҳо дар соҳаи ҳуқуқи инсон
4 Шарикӣ миёни бахши давлатӣ ва бахши хусусӣ
5 Таҳдиди терроризм ва арзёбии хавф
6 Чораҳои амнияти ҷисмонӣ
7 Нақшагирии амният ва тақвияти иншоот
8 Идоракунии таҳдидҳои дохилӣ
9 Омӯзишҳо ва тамринҳо
10 Вариантҳои шиддат гирифтани таҳдидҳо

## МАЪЛУМОТИ ИЛОВАГӢ

Агар хоҳед дар бораи *дастурамали техникӣ* ё лоиҳаи PROTECT маълумоти бештар дастрас кунед, метавонед ба Шуъбаи зиддитеррористии Департаменти таҳдидҳои фаромиллӣ дар Котиботи САҲА тавассути почтаи электронии зерин муроҷиат намоед: atu@osce.org

## МАБЛАҒГУЗОРӢ

Лоиҳаи PROTECT бо дастгирии молиявии Идораи мубориза бо терроризми Вазорати корҳои хориҷии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Ҷумҳурии Федеративии Олмон маблағгузорӣ мешавад.